# СУРАТҶАЛАСАИ №6

кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент

15 январи соли 2022 ш.Панҷакент

Иштирок доштанд: 12 нафар аъзоёни кафедра

## РӮЗНОМА

1. Муҳокима ва пешниҳоди диссертатсияи унвонҷӯи кафедра Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Шунида шуд:** Унвонҷӯй Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович оиди мундариҷаи асосии мавзӯи диссертатсионии хеш баромад намуд. Сипас оиди рисолаи муҳокимашаванда бо унвонҷӯй саволу ҷавоби иштирокчиён гузаронида шуд. Дар идомаи муҳокима номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мақсудов З.О. ва номзади илмҳои филология Усмонов Д.К. баромад намуда, қайд намуданд, ки мавзӯи таҳқиқ гардида, яке аз муаммоҳои муҳими илми педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти сершумори илмӣ унвонҷӯй масъалаҳои ҳалталаби онро амиқ намуда, аппарати илмии рисоларо ба таври амиқу возеҳ омода намудааст. Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ - шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи

базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад. Муқарризон ба диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) баҳои мусбӣ доданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертацияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори тахассусӣ буда, мустақилона ба иҷро расидааст ва ба шиноснмаи ихтисоси номбурда мутобиқ аст.
2. Диссертацияи мазкур барои ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедра Петрусевич А.А.
Котиби ҷаласа Зарипова Д.О.